## ИСОЕВА МАВҶУДА СИРОҶИДДИНОВНА (1942-2022)



Илми тибби муосири тоҷик талафоти калон дод. Яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи дерматовенерология, донишманди маъруф, устоди соҳибтаҷриба ва олими пухтакор, доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи дерматовенерологияи МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" Мавҷуда Сироҷиддиновна Исоева 17 феврали соли 2022 баъди бемории вазнин аз олам даргузашт.

Исоева Мавҷуда Сироҷиддиновна 18-уми августи соли 1942 дар ноҳияи Колхозобод ба дунё омада, пас аз хатми ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1967) тамоми умри азизи худро фидои тандурустии аҳли ҷомеа сохтаанд. Боиси ифтихор аст, ки Мавҷуда Сироҷиддиновна ба сифати устоди моҳир тӯли солҳои зиёд дар Донишгоҳи тиббӣ ба таълиму тарбия ва омодасозии мутахассисони ҷавони соҳаи тиб машғул гашта, ҳамчун устоди ҳақиқии якчанд насли табибони кишвар шуҳрату эътибори калон пайдо намуданд.

Фаъолияти меҳнатиашонро Исоева М.С. солҳои 1967-1969 ҳамчун сардухтури диспансери бемориҳои пӯст дар ноҳияи Конибодом оғоз намудаанд. Солҳои 1969-1971 ординатори клиникӣ дар кафедраи дерматовенерологияи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, солҳои 1971-1974 аспиранти кафедраи дерматовенерология, солҳои 1974-1980 ассистенти кафедра, солҳои 1980-1999 дотсенти кафедра ва аз соли 2000-ум то кунун профессори кафедраи дерматовенерологияи МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" буданд.

Мавҷуда Сироҷиддиновна соли 1974 рисолаи номзадиашро ва соли 1999 рисолаи докториашро ҳимоя намудааст.

Ҳамчун олими сермаҳсул муаллифи таълифоти зиёди илмӣ буданд, ки имрӯз ҳам ҳамчун осори пурарзиш дар байни олимон ва мутахассисони соҳа қимати зиёдеро соҳиб мебошанд. Хизматҳои бисёрсолаи устоди гиромӣ Исоева Мавҷуда Сироҷиддиновна бо ордени «Шараф» ва унвони "Корманди шоистаи Тоҷикистон" қадр карда шудаанд.

Раёсати ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино бинобар даргузашти профессор Исоева Мавҷуда Сироҷиддиновна ба наздикону пайвандон, хешу ақрабо ва шогирдони марҳум изҳори тасаллият менамояд.

Зери роҳбарии муаллима 5 нафар рисолаи номзадиро ҳимоя намудаанд.

Хотираи неки ин устоди бузург ва олими варзида то абад дар ёди мо боқӣ хоҳад монд.

**Устодон, шогирдон ва кормандони маҷаллаи Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон ҳамдардии худро ба хешону наздикони Мавҷуда Сироҷиддиновна бинобар сабаби аз дунё гузаштанашон баён менамоянд.**